**Суратмаҷлиси № 27**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036**
**назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

аз 21 октябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои
Шурои диссертатсионӣ
11 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи "Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.19.-Назарияи забон** (роҳбари илмӣ: номзади илми филология, дотсент, мудири шуъбаи забонҳои бостон ва ориёии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи "Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ"** ба Шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна маълумот дод, ки хуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна** ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна** дар мавзуи **“Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.19.-Назарияи забон ба экспертизаи аввалия кабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** - доктори илми филология, профессор, раиси комиссияи экспертӣ;

- **Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна**- номзади илми филология, дотсент , аъзои Шуро, аъзои комиссияи экспертӣ;

-**Матробиён Саодатшо Қосимзода** - номзади илми филология, дотсент , аъзои Шуро, аъзои комиссияи экспертӣ;

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор — Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент — Ҳасанова Ш.Р.